**Тақриз**

**ба диссертатсияи Зафари Шариф дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳти унвони «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» ба шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мутобиқат мекунанд.

**Муҳиммияти мавзуи диссертатсия.** Дар шароити ҷаҳонишавии фарҳанг, фазои иттилоотӣ ва рақобати бозори иттилоот, вусъати бемисли воридоти технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ зарурати таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, аз ҷумла китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки аз ҷиҳати хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба аҳолии Тоҷикистон нисбат ба дигар намуди китобхонаҳо нуфузи бештар доранд, аҳаммияти хоса пайдо мекунад. Зеро китобхонаҳои давлатию оммавӣ бо назардошти хусусияти вежаи фаъолияти хеш бо қишрҳои гуногуни аҳолӣ хизматрасонии китобдорию иттилоотиро роҳандозӣ намуда, бо мақомоти давлатию ғайридавлатӣ, васоити ахбори омма, иттиҳодияҳои касбии китобдорӣ ва амсоли инҳо робитаву ҳамкории самаранок дошта, дар қиёс ба китобхонаҳои дигар нисбат ба ҷустуҷӯ, дарёфт ва ҷорӣ намудани навгониҳо, рекламаи инноватсияҳои китобдорӣ, ба мисли маводу хизматрасониҳои нави китобдорию библиографӣ ниёзи бештар доранд. Сатҳу сифати хизматрасонии онҳо ба истифодабарандагони иттилоот дар мавриде ба талаботи ҷомеаи имрӯза ҷавобгӯ хоҳад шуд, ки агар онон дар фаъолияти рӯзмарра инноватсияҳои китобдориро ҷорӣ карда тавонанд. Аз ҳамин нуқтаи назар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Зафари Шариф на танҳо саривақтист, балки аз нигоҳи илмӣ муҳим арзёбӣ мегардад

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки зимни баррасии он муаллиф:

- зарурати омӯзиши интиқодии таҷрибаи таърихии марказҳои методии даврони шуравӣ ва таъмини ҳамгироии онҳоро бо комёбиҳои имрӯза дар самти таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо илман асонок кардааст;

- бахри таъмини муназзами фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон таҷрибаи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятию минтақавӣ ва шаҳрию ноҳиявиро таҳлил карда, зимни он ҷиҳатҳои мусбату манфиро ошкор ва тавассути таҳқиқоти озмоишию таҷрибавӣ сатҳи омодагии марказҳои методӣ ва китобдоронро ҷиҳати ҷорӣ намудани навгониҳо муайян кардааст;

- дар заминаи вежагиҳои шароити Тоҷикистон на танҳо омилҳои монеасози ҷараёни татбиқи навгониҳоро дар фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ ошкор намудааст, балки роҳҳои бартараф кардани онҳоро асоснок кардааст;

- функсияҳои низоми таъмини инноватсионӣ-методиро мутобиқ ба марҳила ва сатҳҳои татбиқи он муайян карда, услуби илмии ташхиси фазои инноватсиониро бо далелҳо асоснок ва роҳу равиши интихоби стратегияи муносиби ҷорӣ намудани азнавсозиҳои инноватсиониро дар фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ нишон додааст;

- муҳимтар аз ҳама, амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавии кишварро коркард ва дар заминаи таҳқиқоти озмоишию таҷрибавӣ санҷидааст.

Ҳамчунин, диссертант **нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** тавре муайян карда тавонистааст, ки ба талаботи услуби нигориши диссертатсия мутобиқат мекунанд:

1. Амсилаи консептуалии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои оммавии Тоҷикистон, ки аз сатҳи миллӣ, минтақавӣ (вилоятиву музофотӣ), шаҳрию ноҳиявӣ иборат аст, пайваста дар ҳоли рушду такомул қарор дорад.

2. Зарурати таҳқиқи илмӣ ва такмили низоми мазкурро муаллиф аз вазъияти имрӯзаи фазои иттилоотӣ ва дигаргуниҳои азими ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосири Тоҷикистон вобаста арзёбӣ кардааст.

3. Ба андешаи диссертант, сатҳу сифат ва самаранокии низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба омӯзиши интиқодии таҷрибаи таърихии фаъолияти марказҳои методии даврони шуравӣ ва таъмини ҳамгироии он бо консепсияҳо ва дастовардҳои низоми муосири таъмини инноватсионӣ-методӣ робитаи мустақим дорад.

4. Моҳияту муҳтавои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ дар татбиқи муносибати инноватсионӣ, ташкилу баргузории таҳқиқоти озмоишию таҷрибавӣ

ҷиҳати муайян кардани монеаҳои раванди фаъолияти инноватсионӣ, сатҳи салоҳият ва фарҳанги инноватсионии китобдорон, арзёбии неру, сатҳи омодагии кормандони марказҳои методӣ, ташаккули низоми доимоамалкунандаи такмили ихтисос ва азнавтайёркунии китобдорон, ки ба ташаббускорӣ, фаъолнокии эҷодӣ ва навоварӣ нигаронида шудааст, зоҳир мегардад.

5. Муалиф эътимод дорад, ки Консепсияи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи истифода ва татбиқи муносибати бонизом, синергетикӣ ва ба муҳиту шахс нигаронидашуда ташаккул меёбад.

6. Дар ҷараёни татбиқи стратегияи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон таҷрибаи пешқадаму инноватсионии китобхонаҳои кишварҳои пешрафтаро ба сифати ғоя ва намунаи арзишманд, ки ба рушду такомули ҷараёни таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо равона карда шудааст, истифода бурда, ба вежагиҳои шароити Тоҷикистон мутобиқ гардонидан лозим аст.

**Аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки маводи ҷамъовардашудаи таҳқиқот дар ҷараёни омӯзиши минбаъдаи фанни «Инноватикаи китобдорӣ», силсилаи мавзуҳои китобхонашиносии ватанӣ вобаста ба татбиқи навгониҳо дар амалияи китобдорӣ, машғулиятҳои таълимӣ дар низоми такмили ихтисос ва азнавтайёркунии китобдорони тоҷик истифода бурдан мумкин аст. Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро, ки аз ҷониби диссертант коркарду пешниҳод ва озмуда шудааст, метавон ҳангоми коркарди ҳамин гуна амсила барои китобхонаҳои гуногун ба сифати заминаи назариявӣ истифода бурд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот дастгоҳи истилоҳотии «Китобхонашиносии ватанӣ» ва «Инноватикаи китобдорӣ»-ро бо мафҳумҳои нави илмӣ дар самти мавзуҳо оид ба инноватсияҳои китобдорӣ ғанӣ ва мукаммал мегардонанд.

**Унвонҷӯ оид ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ, 18 мақолаи илмӣ**, аз ҷумла 6 мақода дар маҷаллаҳои тақришавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълимӣ (дар ҳаммуалифӣ) ба табъ расонидааст, ки шоистаи таҳсин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми он 172 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он асоснок шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои

методологӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, навгонӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин дигар қисмҳо, ки дастгоҳи илмии диссертатсияро мукаммал мегардонанд, аз нигоҳи илмию мантиқ дуруст муайян карда шудаанд.

**Боби якуми диссертатсия «Заминаҳои таърихӣ-назариявии рушди фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ ва таъмини инноватсионӣ-методии онҳо»** унвон дошта, фарогири се зербоб аст. Дар боби мазкур диссертант ҷанбаҳои таърихию назариявии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, фаъолияти китобхона ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ, ҳамзамон асосҳои назариявии раванди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавиро таҳқиқ кардааст.

Муҳтавои зербобҳои боби мазкур аз ҷиҳати мантиқӣ ба унвони боб робитаи қавӣ дошта, дар мундариҷаи онҳо масъалаҳои гузошташуда ба таври мукаммал инъикос ёфтаанд.

Зимни баррасии масъалаҳои боби якум муаллиф ду ҷанбаи муҳими таҳқиқот, яъне ҷанбаи таърихӣ ва назариявии ҷараёни таъмини инноватсионии фаъолияти китобхонаҳоро тавре ба ҳам омезиш додааст, ки он арзиши илмию амалии таҳқиқотро афзунтар намудааст. Муҳимтар аз ҳама, дар боби якуми диссертатсия марҳилаҳои ташаккули низоми таъмини илмию методии китобхонаҳои оммавии Тоҷикистон дар даврони шуравӣ муайян карда шуда, ҷойгоҳи китобхонаҳои калонтарини кишвар дар ин самт ба таври возеҳ нишон дода шудааст.

**Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ ба унвони «Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ»** ба таҳқиқи масъалаҳои раванди ташаккули консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, роҳу усулҳо ва сохтору мундариҷаи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ҷойгоҳи он дар такмили сатҳу сифати фаъолияти китобхонаҳо, ҳамзамон шарту шароити татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон бахшида шудааст.

Коркард ва аз ҷониби унвонҷӯ бо далелҳои муътамад пешниҳод гардидани амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро метавон яке аз дастовардҳои назаррас дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур арзёбӣ кард. Дар мавриди татбиқи он дар амалияи китобхонаҳои ватанӣ сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию библиографӣ ба аҳолии кишвар ба маротиб беҳтар хоҳад шуд. Амсилаи мазкурро ҳамчун намунаи амсиласозӣ барои ташаккул ва такмили низоми таъмини инноватсионӣ-

методии на танҳо китобхонаҳои гуногун, балки дигар муассисаҳои фарҳанг истифода бурдан мумкин аст, ки ин бори дигар арзиши баланди илмию амалии онро собит менамояд.

Дар радифи дастовардҳои илмии дорои ҷанбаи назариявию амалӣ дар диссертатсия **норасоиҳои зерин** мушоҳида гардиданд:

1. Агар муаллиф дар диссертатсия оид ба таҷрибаи пешқадаму инноватсионии китобхонаҳои кишварҳои Осиёи Миёна, ки аз бисёр ҷиҳат бо китобхонаҳои Тоҷикистон шабоҳат доранд, мисолҳои мушаххас оварда метавонист, арзиши амалии диссертатсия боз ҳам баландтар мегардид.
2. Дар автореферати диссертатсия нисбат ба таҷрибаи таърихии марказҳои методии даврони шуравӣ дар самти расонидани ёрии мушаххаси методӣ ба китобхонаҳои оммавӣ таваҷҷуҳи камтар зоҳир шудааст.
3. Дар автореферати диссертатсия мавқеи диссертант нисбат ба ҳамкории тарафайн миёни марказҳои методии сатҳҳои гуногун ба таври барҷаста ба назар намерасад.
4. Аз матни автореферат муайян кардан душвор аст, ки кадом омилҳои асосӣ ба раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд?
5. Муаллиф дар таҳқиқоти худ аз «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ёдовар шуда, вале оид ба талаботи санади мазкур дар самти ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар соҳаи китобдорӣ ба қадри кофӣ таваҷҷуҳ зоҳир накардааст.
6. Тавре, ки маълум аст, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад, аммо дар диссертатсия оид нақши он дар тарғибу ташвиқи инноватсияҳои китобдорӣ маълумоти муфассал дода нашудааст.
7. Унвонҷӯ ба сифати пойгоҳи таҳқиқоти озмоишию таҷрибавӣ танҳо китобхонаҳои давлатию оммавиро интихоб намудааст, агар илова бар ин, китобхонаҳои мактабӣ, ки шумораашон дар мамлакат ниҳоят зиёд аст, ҳамчун пойгоҳи таҳқиқот интихоб мешуданд, ғановати натиҷаҳои таҳқиқот бештар мегардид.
8. Ислоҳи баъзе ғалатҳои техникӣ сифати корро беҳтар мегардонад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши баланди илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намегардонанд. Муаллиф мақсаду вазифаҳои гузошташударо пурра иҷро кардааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Сохтор, мундариҷаи диссертатсияи Зафари Шариф, сабки нигориш ва ороиш, ҳамчунин ҳаҷми он ба талаботу меъёрҳои КОА-и назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, мазмуни автореферат бо диссертатсия мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» кори мустақилона ва дар сатҳи баланди илмӣ анҷомдодашуда ба шумор рафта, дорои навгонӣ, арзиши илмию амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва тағйиру иловаҳо ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зафари Шариф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) мебошад.

Мудири шуъбаи магистратура, докторантура (PhD)
ва унвонҷӯёни Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент Абдумуминзода Ситора

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33, Тел.:
+ 992 37 221 50 83,
Факс: + 992 37 221 71 00

Имзои Абдуминзода Ситораро
тасдиқ мекунам: Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Акрамзода Толиб

«28» 04 соли 2025